**ТДУ 338 (575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**Азизов Ш.С.-н.и.и., дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Оймаҳмадов Г.Н.-н.и.и., дотсенти ДДМИТ, Расулов Ғ. Р.- н.и.и., дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Боқилов Б.Х.- муаллими калони ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

***Калидвожаҳо:*** *низоми буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, принсипҳои низоми буҷетӣ, батанзимандозии амудию уфуқӣ, хароҷоти дуюминдараҷаи буҷетӣ, маъмурон, ТАМБ, ТМБ, ГМБ, комиссияҳои доимоамалкунанда.*

Сохтори буҷетии дар мувофиқа ба тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдёфта унитарӣ мебошад (давлатҳои тақсимоти ҳудудии минтақавӣ дошта, ки шаҳраку ноҳия ва вилоятҳояшонро аз нигоҳи сохторӣ бо ҳам вобаста карданду ба маркази давлатдорӣ итоат менамоянд). Он ба сатҳ ва таркиби муносибатҳои байни буҷетӣ таъсири амиқи худро мерасонад. Бинобар ҳамин сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавриди истифода қарор дорад, дузинагӣ буда, аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ташкил ёфтааст.

Васеъгардии муносибатҳои молию пулӣ бо ба вуҷудойии давлатҳо на танҳо сабаби мустақилияти иқтисодӣ-молиявии буҷетҳои алоҳида мегарданд, балки муайянкунандаи тарзу усул ва шаклҳои амалинамоии муносибатҳои байни буҷетӣ мебошанд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ дар назари аввал бо доираи муносибатҳои байнибуҷетии дар мамлакат ҷойдошта дар шакли маҳдуд маънидод шуда метавонад. Ба ақидаи мо муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҳар як давлат вобаста ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва мувофиқати онҳо ба муносибатҳои истеҳсолӣ бо баҳисобгирии робитаҳои хориҷӣ ташаккул меёбад. Ташкили ҳукумати электронӣ ва низоми ягонаи электронии буҷетӣ шаҳодатдиҳандаи гуфтаҳои боло аст.

Муносибатҳои буҷетӣ дар доираи функсияҳою принсипҳои низоми буҷетии дар мамлакат ҷойдошта бо дарбаргирии муносибатҳои раванди буҷетӣ ва танзими бароҳмонии такрористеҳсолу андӯхти сармоя аз ҳисоби маблағҳои буҷетии ҷалбгардида ва қарзҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

Ҳадду ҳудуди муносибатҳои байнибуҷетӣ на фақат бо қонунҳою ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёрӣ мебошанд, балки муносибатҳои молиявии берунеро дар бар мегиранд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ баҳодиҳандаи сатҳи самаранокии батанзимандозии амудию уфуқии сохтори буҷетии ҳамаи давлатҳо мебошанд. Асоси ҳуқуқии меърии баамалбарории муносибатҳои байнибуҷетиро қабули Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияю тартибдиҳии буҷети соли навбатӣ ва ояндабинии ду соли минбаъдаи он ташкил медиҳад. Давраи навбатии дақиқнамоии муносибатҳои байнибуҷетӣ аз фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохторхои хукуматӣ ва вазифадорнамоии онҳо оид ба таҳияю тартибдиҳии буҷет соли навбатӣ ва ояндабинии ду соли минбаъдаро фаро мегирад. Дар ин давра аз кормандони пешбари соҳавӣ комиссияи буҷетии байнибуҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки фаъолияти он ба ҳалли баҳсҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетҳо нигаронида мешавад.

Як қисми муҳими муносибатҳои байнибуҷетӣ бо фаъолияти молияи давлатӣ, буҷет, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва қарзгирии давлатӣ алоқаманд мебошад, чунки захираҳои молиявӣ байни сохторҳои овардашуда бо мақсади танзим тақсим мегарданд.

Паҳлӯи навбатии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ бо низоми буҷетии дар мамлакат амалнамоянда ва муайяннамоии маъмурон оид ба ҷамъоварии меъёрии даромадҳои буҷетҳо алоқаманд аст. Ҳар як соҳа ва муассисаи буҷетӣ меъёрҳои дар асоси он банақшагирифташавандаи даромад ва хароҷотро оид ба фаъолияташон доранд, ки самти муҳими муносибатҳои байнибуҷетиро ташкил медиҳанд. Бо муносибатҳои дохилибуҷетию байнибуҷетӣ танзим мегарданд. Ба мувофиқа овардани даромаду хароҷоти буҷетӣ аз тарафи комиссияи буҷетии байнибуҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистону ТАМБ, ТМБ, ГМБ ва Комиссияи доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бароҳмонии назорати буҷетӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҳамин тавр, мо қайд карда метавонем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии нисбати низоми буҷетӣ қабулшуда, аз як тараф бавуҷудорандаи муносибатҳои байнибуҷетӣ бошанд, аз тарафи дигар баҳодиҳандаи сатҳи мақсаднокою шаффоф ва самаранок истифодагардию назоратшавандагии даромаду хароҷоти буҷетӣ мебошанд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ, пеш аз ҳама ба ҳалли муаммои маҳдудияти захираҳои молиявии соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва рушди иқтидори иқтисодии мамлакат, аз як тараф нигаронида шудаанд. Дар баробари ин ҳамин муносибатҳо воситаи танзим, амалнамоии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ва татбиқи барномаҳои дар афзалияти инкишофи мамлакат зикргардида равона гардидаанд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ аз як тараф, барандаи муносибатҳои молию пулӣ бошанд, аз тарафи дигар барандаи муносибатҳои молиявӣ оид ба ташкил, тақсиму азнавтақсими мақсаднокою самаранокона истифодабарии захираҳои молиявии буҷетҳо бо дар назардошти таҳлили иҷрошавию назоратшавандагӣ ва истифода аз низоми ягонаи электронӣ барои ҳисоббаробаркуниҳо мебошанд.

Буҷетҳои давлатҳои унитарӣ аз суммаи буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ бунёд ёфта, бо муносибатҳои байнибуҷетии дар он ҳукмронбуда, ки бо қонун дар бораи молияи давлатӣ, назорати молияи давлатӣ, кодексҳои андозу гумрук ва дигар қонуну қарорҳои қабулшуда муқаррар кардаанд, бо ҳам алоқаманд гардонида шуда, ба роҳ монандаи тарзу усули фаъолияти муассисаҳои буҷетии истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ мебошанд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ аз суммаи муносибатҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ (комиссияҳои доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияи буҷетии байнибуҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли вазорату кумитаҳо ва сохторҳои онҳо, ки ҳамчун ТАМБ ва ТМБ баромад мекунанд, маъмурон оид ба ҷамъоварии даромадҳои андозию пардохтҳо) ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ҳукумати маҳаллию шӯрои он, шуъбаҳои молияю андоз, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳокимияти давлатии шаҳракҳо ва муассисаҳои буҷетии ниҳоӣ оид ба мактаб, боғча, дармонгоҳ, бунгоҳи тиббӣ), ки ҳамчун ГМБ баромад мекунанд, иборатанд. Ба ғайр аз ин, онҳо бо раванди буҷетию иҷроиши буҷет ҳисоботсупорию назорати буҷет муносибатҳои байнибуҷетиро ифода менамоянд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ фарогири муносибатҳо оид ба танзими амудӣ мебошад (Президент бо пешниҳоди дархост оид ба таҳияи буҷети соли навбатӣ, баррасии буҷет, тасдиқ ва ё мавқуфгузории хароҷоти ин ё он модда, баррасии он ва баҳои сатҳу сифати иҷроиши буҷет дар раванди буҷетӣ иштирок менамояд).

Парлумони мамлакат дар муҳокима ва қабули қарор ва ё мавқуфгузории хароҷоти моддаҳои алоҳидаи буҷетӣ, тарзи махсуси маблағгузории моддаи мавқуфгузошташуда ва ё истифода аз реҷаи секвестери буҷетӣ ва танзиму азнавтақсими маблағҳои буҷети байни минтақаҳою соҳаҳо ва ё гирандагони мушаххас идомадиҳандаи муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошад.

Вазорату кумитаҳои давлатӣ ва маъмурон бо дархостҳои пулиашон нисбати маблағҳои буҷетӣ ва иштироки бевосита дар раванди буҷетӣ ва ташкилу тақсими даромадҳои аз соҳибкорӣ таъминшуда ва муҳокимаю тасдиқи буҷетҳо иштирок мекунанд, ки ифодагару барандаи муносибатҳои байнибуҷетӣ ҳастанд.

Як паҳлӯи муносибатҳои байнибуҷетиро фаъолияти Комиссияи буҷетии байнибуҷетии назди Вазорати молия, ки асосан ба ҳалли мушкилоти буҷетию баҳсҳои байни ТАМБ, ТМБ. ГМБ, ки эҳтимолияти бавуҷудоӣ доранд ва доираи танзими амудии буҷетҳоро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад.

Гирандагони маблағҳои буҷетӣ иштирокчиёни бевоситаи танзими амудии раванди буҷет ва муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд. Онҳо ба ТМБ маҳал (мактаб ба шуъбаи маориф, дар навбати худ шуъбаи маориф ба ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ва шӯрои он) муроҷиат менамоянд. Дар шароити мавҷуд будани имконият ҳукумати маҳал маблағи ба танзим пешниҳодшавандаро аз ҳисоби захираи панҷфоизаи буҷети маҳаллӣ ва ё тағйирдиҳии меъёри андозҳои маҳал ва андозҳои умумиҷумҳуриявӣ таъмин менамояд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ танзими иҷроиши семоҳаҳо аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷетӣ, хароҷоти дуюминдараҷаи буҷетӣ, қарзи буҷетӣ (ссуда)-ро ба амал мебароранд. Агар иҷрои ин амал имконнопазир бошад, он ба ТАМБ ва дуюмӣ ба Комиссияи назди Вазорати молия ва ё Комиссияи доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамояд, ки ифодагари мунoосибатҳои байнибуҷетианд. Дар мисоли боло раванди танзими амудӣ ва сатҳи оқилонаи он нисбати хароҷоти буҷетӣ инъикос ёфтааст, ки нишондиҳандаи самаранокии муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд.

Раванди бо қонун пешбинӣ кардани дарёфти даромадҳо аз ҳисоби соҳибкориҳои сохтори буҷетӣ асоси танзими уфуқии буҷетҳоро, аз як тараф ташкил диҳад, аз тарафи дигар ифодагари муносибати буҷети давлатию маҳаллӣ мебошад.

Як паҳлӯи танзими уфуқии муносибатҳои байнибуҷетии низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақсими муассисаҳои буҷетию сохторҳои истеҳсолии ҶТ ба ТАМБ, ТМБ ва ГМБ ташкил медиҳанд. Паҳлӯи дигари муносибатҳои иқтисодию молиявии дар раванди буҷетӣ ҷойдоштаро муносибатҳои байнибуҷетӣ ва иҷрошавии онҳо дар мӯҳлатҳои ҳисоботсупорию ташкили назорат оид ба мақсадноку самаранок истифодабарии захираҳои молиявии буҷетию касру профитсити он ва тарзу усули истифодабарии захираҳои молиявии худию қарзӣ ва сафарбаркардашудаи буҷетӣ фаро мегиранд. Танзими амудию уфуқии буҷетӣ асосан бо мақсади баробарнамоии даромади буҷетҳо ва дар ҳамин асос бо як меъёри истеъмолӣ таъмин кардани ҳар як нафар аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, ки меҳвари муносибаҳои байнибуҷетӣ ва ҳифзи иқтисодию иҷтимоӣ аст. Риояи присипҳои муносибатҳои байнибуҷетии зерин дар танзими амудию уфуқӣ самараи дилхоҳи ба рушд нигаронидашударо медиҳад:

- тақсими даромадҳои андозию пардохтҳо ва даромадҳои ғайриандозӣ (аз ҳисоби соҳибкориҳо) байни низоми буҷетии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда;
- тақсими оқилонаи меъёри андозҳои умумиҷумҳуриявӣ байни буҷети маҳаллӣ ва умумиҷумҳуриявӣ;
- ба ҳисоб гирифтани талаботи воқеии истифодабарандагони маблағҳои буҷет ва мувофиқати он ба меъёр.

Имрӯз дар ихтиёри буҷетҳои маҳаллӣ даромадҳои андозию пардохтҳои зерин мавҷуд мебошанд:

1. Андоз аз воситаҳои нақлиёт;
2. Андоз аз молу мулки ғайри манқул;

Чунин пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳал пешбинӣ гардидаанд:

- хироҷ барои амалҳои бозрасии автомобилӣ;
- хироҷ барои амалҳои бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзӣ;
- хироҷ барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайри манқул ва аҳдҳо оид ба онҳо;
- хироҷ барои бақайдгирии давлатии киштиҳои дарёгарди хурдҳаҷм;
- пардохт барои ҷойгир намудани рекламаи берунӣ.

Андозҳои боқимондае, ки Кодекси андози ҶТ муқаррар кардааст ва зиёда аз 16 номгӯйро дар бар мегирад, сарчашмаҳои даромадҳои ҷумҳуриявӣ мебошанд. Қисми дигари он даромадҳо аз ҳисоби боҷи

давлатӣ, боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмию аз ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналхалқӣ дар шакли қарз, грант, сармоягузориҳо, ки ба буҷет ворид мегарданд, бунёд меёбанд.

Даромадҳо аз хизматрасониҳои пулакии сохторҳои буҷетии сатҳи умумидавлатӣ ва маҳаллӣ сарчашмаи даромадҳои ғайриандозии сохторҳои буҷетӣ махсуб меёбанд. Сатҳи ҷамъоварии ин даромадҳо аз сатҳи даромаднокии соҳибкориҳою миқдори гардиши сармояи гардону даромади миёнаи моҳонаи шаҳрвандон, қурби пул ва сатҳи нархҳои предметҳои истеъмолӣ вобаста мебошад.

Тақсим ва вобастанамоии ҳадди (меъёри) хароҷотҳои ҳудудноки буҷетӣ байни муассисаҳои буҷетӣ ва зерсохторҳои он аз чунин омилҳо вобастаанд:

- аз имкониятҳои буҷетӣ ва меъёрҳои хароҷотӣ (барои мудофиа, маориф, тандурустӣ ва маблағгузории сарикасӣ нисбати шумораи талабагон, кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва аҳолии дар ҳудуди бунгоҳҳои тиббӣ умрбасарбаранда пешбинишуда, масрафи маблағҳои буҷетӣ дар асоси меъёр ва шумораи катҳою кат-рӯзҳо ва муайян кардани хароҷоти хӯроки беморон дар касалхонаҳо);
- баробарии ҳуқуқии муассисаҳои буҷетӣ нисбати ташкил ва истифодаи даромадҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва истифодаи онҳо дар танзими ҳолати молиявии низоми буҷетӣ;
- баробарнамоии буҷетҳо бо назардошти шароити табиии ҷойгиршавӣ нисбати таъмин будан бо ҳадди ақали хароҷоти буҷетӣ;
- баробарии ҳамаи муассисаҳои буҷетӣ нисбти мурожиати ГМБ ба ТМБ ва тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ ба ТАМБ ва комиссияи мусолиҳавии буҷетии назди Вазорати молияю комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷавобгарӣ нисбати саҳмгирӣ;
- ҳуқуқи якхелаи иштирок дар ҳамаи зинаҳои раванди буҷетӣ ҳисоботсупориҳою назорат ва ҷавобгарӣ нисбати истифодаи дурусти рамз, induction зеррамз, ҳисобҳо ва ҳисоббарориҳо.

Принсипҳои овардашуда шароитро барои ба зиммаи низоми дигари буҷетӣ вогузорнамоии даромад ва ё хароҷоти буҷетӣ фароҳам меорад. Масалан, даромади як-ду андози умумидавлатиро барои ташкили даромади маҳаллӣ пешбинӣ менамояд ва ё хароҷоти таъсиси ин ё он иншоотро дар маҳал пурра ва ё қисман аз ҳисоби буҷети умимидавлатӣ ва ё бо истифода аз даромад ва ё хайрияи соҳибкориҳо ва ё баръакс аз ҳисоби захираи панҷфоизаи буҷетҳои маҳаллӣ пешбинӣ менамояд, ки ифодагари муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ чунин муқарраротро пешбинӣ намудааст: хароҷоти буҷети маҳалро буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳоле ҷуброн менамояд, ки агар қарорҳо оид ба хароҷотро мақомоти болоии давлатӣ қабул карда бошад. Пешгирию бартарафнамоии баҳсу мунозираҳои эҳтимолии байни муассисаҳои буҷетии як сохтори буҷетӣ ва ё байни сохторҳои буҷетии гуногун баамалояндаро комиссияи буҷетии мусолиҳавии дар назди Вазорати молия аз мутахассисони пешбар таъсисдодашуда ва ё бо истифода аз амалҳои махсуси пешгирикунанда анҷом медиҳад.

**Механизмҳои баамалбарории муносибатҳои байнибуҷетӣ**

Ба миқдори бойигариҳои табиии дар минтақаҳо мавҷуда нигоҳ накарда, дараҷаи инкишофи онҳо бо сабаби махсусгардонии истеҳсолӣ нобаробар сурат гирифтааст. Чунин нобаробарӣ ба тавлидоти маҳсулоти кишоварзӣ характернок аст. Сабаби дигари нобаробарии инкишофи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шароити табиию ҷуғрофии он ва мулки камзамин будани ҷумҳурӣ аз як тараф алоқаманд бошад, аз тарафи дигар зиёда аз 70 фоизи аҳолии мамлакат дар деҳот зиндагӣ карда, нисбати тахассуси техникӣ бениҳоят камсавод мебошанд. Дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва ташкили соҳибкориҳо дар ин соҳа иллати мазкур баръалотар маълум мегардад, ки танзими муносоибатҳои байнибуҷетиро тақозо менамояд.

Ба ғайр аз ин, сатҳи фоидаоварии соҳаи кишоварзӣ аз ҳосилхезии замину нархи маҳсулоти он ки бо номи рентаи диференсиалии яку ду, рентаи мутлақ, рентаи монополӣ, рента аз саноати истихроҷ ва соҳаҳои сохтмон маълуму маъруф мебошанд, низоми андозбандии алоҳидаро ба баҳисобгирии рентаҳо тақозо менамояд. Нобаробарии инкишофи минтақаҳо сатҳи даромаду фоидаи гуногуни шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва ҳокимияти маҳаллиро баръало инъикос менамояд. Нигаред ба нишондиҳандаҳои минтақавии истеҳсоли ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба панҷ минтақа ҷудо карда шудааст.

Сатҳи нобаробарии кишварро бо даромадҳо таъмин будани буҷетҳои маҳаллӣ низ пурра инъикос менамояд. Асоси тафовутнокии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро паҳлӯҳои иҷтимоии ҳаёти одамон инъикос менамоянд. Айни замон ба оилаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 5-6 нафар ва ба оилаҳои шаҳр ду- се нафар туфайлихӯр рост меоянд. Илова ба ин шароити табиии ҷуғрофӣ, яъне кӯҳистон будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои маданию таърихӣ низ нобаробариҳоро инъикос менамоянд, ки танзими муносибатҳои байнибуҷетиро талаб менамоянд.

Тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҳамаи сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муассисаҳои давлатӣ мебошанд, ки хароҷоти фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷети маҳал ба роҳ монда мешавад (ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, суд, прокуратура, милитсия бо зерсохторҳояш, комиссариати ҳарбӣ, маориф, тандурустӣ ҳифзи иҷтимоӣ, муассисаҳои молиявии давлатӣ ва ғайраҳо).

Бо сабаби нобаробарии инкишофи соҳибкориҳою гуногунии зичии ҷойгиршавии аҳолӣ даромадҳои буҷетии минтақаҳо хароҷоти иҷтимоӣ- иқтисодии ноҳияҳоро пӯшонида наметавонанд. Барои бартараф кардани нобаробарии мазкур аввалин шуда соҳибкориҳои саноатиро дар асоси фабрикаҳои бойгардонию конҳои истихроҷ, ки бо хароҷоти нисбатан камтар рӯйи кор омада метавонанд, ташкил карда ҷамъшавии андоз аз амволи ғайриманқулро зиёд кардан низ имконият дорад. Нобаробарии инкишофи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби нобаробарии амудӣ оид ба уҳдадориҳои хароҷотӣ ва имкониятҳои бо даромад таъмин кардани хароҷоти пешбинишудаи буҷетӣ дар минтақаҳои алоҳида мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи минтақаҳои дотатсионӣ маъруфанд.

Номутаносибии тавозунии уфуқӣ бо сабаби нобаробар ҷойгир намудани муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетии аз хисоби буҷети маҳал фаъолиятнамоянда ва кам будани даромадҳои андозию ғайриандозии буҷетҳои маҳаллӣ, ки бо даромадҳои ҷамъкардаашон хароҷоти он муассиса ва сохторҳоро таъмин карда наметавонанд, ба вуҷуд меояд, ки бо ёрии муносибатҳои байнибуҷетӣ мавриди танзим қарор мегиранд.

Барои бартараф кардани номутаносибии тавозунии амудию уфуқӣ ва сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аз батанзимнандозии демографӣ, яъне микдори кӯдакон дар оила ва сиёсати байнибуҷетии баробарнамоиҳо истифода мебаранд. Механизми асосии баробарнамоии муносибатҳои молиявию иқтисодӣ баробарнамоии амудию уфуқии байнибуҷетии минтақаҳо мебошад.

Баробарнамоии амудии буҷетии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз ҳисоби дида бармадани имкониятҳои даромадҳои буҷетии ҷумҳуриявӣ ва азнавтақсими он даромадҳо аз тарафи комиссияи буҷетии байнибуҷетии назди Вазорати молия сурат мегиранд. Дар баробари ин, танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва ё соҳибкориҳои дигар минтақаҳо тавассути сармоягузориҳо ва ё аз ҳисоби ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ё қарзи хориҷӣ баробарнамоии буҷетӣ анҷом дода мешавад. Давлат бо ёрии тақсими даромади андозҳои ҷумҳуриявӣ ба нафъи буҷети маҳал танзими амудии байнибуҷетиро таъмин менамояд. Дар баъзе мавридҳо танзими амудии буҷетӣ аз ҳисоби захираҳои панҷфоизаи буҷети маҳал барои баробарнамоии даромаду хароҷоти тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷети маҳал ҷудо карда мешавад.

Дотатсия, субвенсия, субсидия ва қарзи буҷетӣ дар низоми буҷетӣ механизми баробарнамоии амудии муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд. Механизми баробарнамоии уфуқии муносибатҳои байнибуҷетиро бо ёрии истифода аз грантҳо, барномаҳо, сармоягузории алоҳида, бо истифода аз қарори комиссия мусолиҳаи буҷетии назди Вазорати молия, ки иштирокчии раванди буҷетӣ мебошанд ва истифода аз қарори ТАМБ нисбати ТМБ-ю гирандаи маблағҳои буҷетӣ таъмин менамоянд.

Фишанги асосии танзими уфуқӣ оид ба баробарнамоиҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳал ин трансфертҳои байнибуҷетӣ:

- тақсими мутаносиби андозҳои ҷумҳуривии дар маҳалбуда байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳал;
- ҷудо кардани андозҳоюю пардохтҳои маҳаллӣ барои ташкили даромади буҷети маҳал;
-дотатсия;
- субвенсия;
- субсидия;
-қарзи буҷетӣ;
-захираи 5-фоизаи даромадҳои буҷетҳои маҳалӣ ва ғайраҳо мебошанд.

**Дотатсия-** кӯмаки молиявии беподош мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатӣ - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ ва таъмини фаъолияти онҳо бо маблағҳои ҳадди ақали таъминоти буҷетӣ беподошу бебозгашт барои онҳо муқаррар шуда, ҷудо карда мешавад.

**Субвенсия** - мусоидати молиявии як сатҳи буҷетӣ, маблағи мазкур ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани хароҷоти муайян беподошу бебозгашт муқаррар гардида, барои истифода ҷудо карда мешавад.

**Субсидия** - ин маблағҳои буҷетии як сатҳ, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки бо шарти маблағгузории ҳиссагии иншоотҳои бунёдёбанда ва ё хароҷоти мақсадноки пешбинишуда муқаррар гардида, барои истифода ҷудо мешавад.

**Қарзи буҷет** - аз ҳисоби маблағҳои буҷетии як сатҳ бо маблағ таъмин кардани норасоии пулии муваққатии хазинавии буҷети дигар, ки дар раванди иҷрои буҷет ба амал омада метавонад ва қарзи буҷетӣ дар асоси принсипҳои қарзӣ дар доираи соли ҷорӣ бояд мавриди истифода қарор гирад. Қарзи буҷетӣ варианти охирони танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ нисбати иҷрои ҷории буҷет мебошад. То қарздиҳӣ танзими иҷрошавӣ аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷетӣ (дар ҳолати мавҷуд будани онҳо) ва батаъхирандозии хароҷоти дуюмдараҷа ба амал баровarda мешавад.

**Қарзи буҷетии дигар** ба шахсони ҳуқуқӣ бо ёрии ба таъхир андохтани пардохти андози мухлаташ расида пешниход мегардад.

Ҳамаи буҷетҳои маҳаллии низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсиси захираи панҷфоизаи даромадҳои буҷетиро бо мақсади батанзимандозии норасогию камчинии маблағҳои буҷетии ТМБ ва ГМБ-ро доранд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ нисбати пӯшонидани касри буҷети низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти дар қонун оид ба буҷети соли мушаххас пешбинишуда, яъне пӯшонидани каср аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, даромад аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ, депозитҳои буҷетӣ, грантҳо аз ҳисоби барномаҳои ташкилотҳои байналхалқӣ қисми муҳими танзими муносибатхои байнибуҷетиро дар бар гирифта, мувофиқати хароҷоти пешбинишударо бо даромадҳо таъмин менамоянд.

Танзими буҳрони иқтисодиётро фарогирифтаю фазаҳои сикли он, ҳодисаҳои ғайричашмдошти ба иқтисодиёт ва холати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ таъсиррасонида, таъсири муҷозот ва ё бо сатҳи таварруми пулу таъсири бозори молиявӣ расонидашуда алоқаманд як ҷанбаи муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошад. Муносибатҳои байнибуҷетӣ нисбати ҳолатҳои овардашуда бо механизмҳои гуногуни иқтисодӣ (банақшагириҳо, сармоягузориҳо, супоришҳои кафолатноки давлатӣ, бо нархҳои

гуногун пешниҳод кардани захираҳо), молиявӣ (қарзҳои бефоиз, суғуртанамоии ройгон, имтиёзҳои андозӣ, харидҳои барномавиии давлатӣ), буҷетӣ (маблағгузории бебозгашти буҷетӣ, дотатсия, субвенсия, субсидия ва давлатӣ (ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, пешниҳоди афзалиятҳои инкишоф, ташкили равзанаи ягона, кам кардани ҳуҷҷатҳо барои машғулшавӣ ба соҳибкорӣ), ҳалли нисбии худро ёфта метавонад. Андешидани чораю тадбирҳо оид ба танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ, аз як тараф ба зиммаи менеҷери молиявии сохторҳои буҷетӣ вогузор бошад, аз тарафи дигар ба зимаи менеҷерони молиявии соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонун дар бораи молияи давлатии ҶТ Душанбе, 2011
2. Кодекси андози ҶТ Душанбе 2012
3. Акперов И.Г. Казначейская система исполнения бюджета Росийской Федерации- Москва, 2009
4. Буҷет ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳрири Бӯриева М.- Душанбе, 2014
5. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М. ва дигарон Идораи молияи давлатӣ- Душанбе, 2014
6. Каримова М.Т., Муминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе, 2012
7. Оймаҳмадов Г.Н. Молия- Душанбе, 2005
8. Оймаҳмадов Г.Н. Молияи ташкилотҳои буҷетӣ - Душанбе, 2011
9. Худоиев М.И., Наҷмиддинов С.М. Бюджетный сектор экономики- Душанбе, 2010
10. Ҷонмаҳмадов Ш.Б., Ҳомидов А. Буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ- Душанбе, 2010


**АННОТАЦИЯ**

**ОСОБЕННОСТИ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВЯХ РИНКА**


Социально-экономические задачи возложенные на государство требуют, нетолько использование материальных, трудовых и финансовых ресурсов, но и оптимально-организованные межбюджетные отношения бюджетной системы, располагающие централизованными финансовыми ресурсами, и их использование в регулирование и решение проблем, направленные на рост отраслей экономики и развитие регионов, предусмотренные в приоритетных направлениях развития национальной экономики. В статье нашло свое отражение коренное изменение межбюджетных отношений и их использование с целью развитие регионов и отраслей экономики республики.


**ANNOTATION**

**THE ROLE OF INTER-BUDGET RELATIONS IN THE SOLUTION SOCIAL AND ECONOMIC PROBLEMS**


Socio-economic tasks assigned to the state require not only the use of material, labor and financial resources, but also optimally organized intergovernmental budgetary relations of the budget system, having centralized financial resources, and their use in regulating and solving problems aimed at the growth of economic sectors and regional development stipulated in the priority directions of development of the national economy. The article reflected a fundamental change in intergovernmental relations and their use in order to develop regions and branches of the republic's economy.



***Keywords:*** *budget system, intergovernmental relations, principles of the budget system, horizontal and vertical regulation, minor budget expenditures, GRBS, RBS, CBE, standing commissions*